## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи "Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ)**

Мусаллам аст, ки забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанҳои меҳварӣ ва калидӣ маҳсуб ёфта, пешравӣ ва муваффақияти хонандагон дар омӯзиши дигар фанҳо маҳз аз он вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, дуруст ва самаранок ба роҳ мондани таълими ин фан аз вазифаҳои умдаи омӯзгорон ва мутахассисони соҳа ба шумор меравад.

Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳияи асосҳои назариявию методии таълими калима ва таъбирҳо, инчунин муайяну таҳлил намудани роҳҳои самараноки инкишофи нутқи хаттию даҳонии муҳассилин дар ҷараёни дарси забони тоҷикӣ мебошад, ки ин амр ба ташаккули салоҳиятҳои иртиботӣ, маҳорати суханварӣ ва маърифати ахлоқии хонандагон мусоидат менамояд.

Предмети таҳқиқоти мазкурро роҳу усулҳои таълими калима ва таъбирҳои забони тоҷикӣ, инчунин шарҳи маъно ва корбурди онҳо дар нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил медиҳад.

Фарзияи таҳқиқот бар он асос меёбад, ки таълими босамари калимаву таъбирҳо ва такмили фарҳанги нутқи муҳассилин танҳо дар сурати роҳандозии раванди таълим тибқи усулҳои муосири дидактикӣ ва таваҷҷуҳи мақсаднок ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ имконпазир мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ёздаҳ зербоб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат мебошад. Муаллиф дар кори худ масъалаҳои инкишофи нутқ, ғановати таркиби луғавӣ, одоби муошират ва ташаккули маърифати забониро мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода, заминаи назариявӣ ва методологии устувореро фароҳам овардааст.

Боби якуми диссертатсия **"Ҷанбаҳои назариявии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими воҳидҳои луғавӣ"** унвон дошта, дар доираи чаҳор фасл мураттаб гардидааст. Дар фасли аввали он таҳти унвони **"Масъалаи таҳқиқи омӯзиши калима ва таъбирҳо дар сарчашмаҳои илмӣ"** андешаҳои донишмандон оид ба асосҳои забоншиносии таълими калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фасли дуюми рисола таҳти унвони **"Заминаҳои илмию назариявии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон"** мафҳуми салоҳияти иртиботӣ ва роҳҳои ташаккули он зимни таълими калима ва таъбирҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки муносибати салоҳиятнок ба таълим тамоюли муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот маҳсуб ёфта, маҳз барои аз байн бурдани тафовути (мухолифати) байни талаботи барномаи таълимӣ, эҳтиёҷоти ҷомеа ва талаботи шахсият татбиқ мегардад.

Дар фасли сеюми боби мазкур таҳти унвони **"Принсип ва марҳалаҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар раванди таълими калима ва таъбирҳо"** зикр мегардад, ки раванди фаъолияти таълимӣ дар низоми муносибати салоҳиятнок якчанд марҳаларо фаро мегирад.

Дар фасли чоруми боби мазкур таҳти унвони **"Ҳадафҳои дидактикии татбиқи салоҳияти иртиботӣ зимни омӯзиши калима ва таъбирҳо"** масъалаи салоҳияти

Сканировано с CamScanner

иртиботӣ дар заминаи ҳадафҳои таҳсилоти умумӣ ва сохтори таҷрибаи иҷтимоию шахсӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, навъҳои асосии фаъолияти хонанда, ки барои азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ ва ҳосил намудани малакаҳои ҳаётию амалӣ мусоидат менамоянд, ҳаллу фасл гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **"Методикаи таълими калима ва таъбирҳо дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ"** қисмати меҳварии таҳқиқоти мазкур маҳсуб мeёбад. Боби мазкур аз чаҳор фасл иборат буда, дар фасли аввал – **"Мавқеи калима ва таъбирҳо дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI"** асноди меъёрии таълимӣ, аз ҷумла стандарт ва барномаҳои амалкунанда мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Дар фасли дуюми боби мазкур – **"Масъалаҳои умумии таълими воҳидҳои луғавӣ дар МТМУ"** таъкид мегардад, ки асоси таълими бахши луғат ва калимасозиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиши мафҳумҳои лексикологияи муосир ташкил медиҳад.

Фасли сеюм **"Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон тавассути кор бо калима ва таъбирҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ"** ном дошта, дар он роҳу усулҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фасли чорум – **"Ҷанбаи услубии омӯзиши калима ва таъбирҳо ва ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон"** муаллиф ба масъалаи душвории таълими шохаҳои услубии забони тоҷикӣ ва норасоии адабиёти методӣ доир ба он, ки боиси коҳиш ёфтани сатҳи фасоҳати нутқи хонандагон гардидааст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Боби сеюми диссертатсия **"Корҳои озмоишию таҷрибавӣ оид ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди таълими калима ва таъбирҳо"** унвон дорад. Дар ин боб натиҷаи таҳқиқоти дар тӯли 4 сол анҷомдодаи муаллиф дар доираи ду марҳилаи озмоиши педагогӣ (муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда), ки дар гимназия ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи вилояти Суғд гузаронида шудааст, ҷамъбаст гардидааст. Фасли аввали боби мазкур ба **"Вазъи таълими калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муайян намудани сатҳи ибтидоии дониши хонандагон"** бахшида шуда, дар он вазифаҳои озмоишҳои педагогӣ таҳлил ёфтаанд.

Дар фасли дуюм таҳти унвони **"Мавқеи машқҳои эҷодӣ дар ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон"** баҳри воқеъбинона арзёбӣ кардани маҳорати хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ (ГО) ва назоратӣ (ГН) аз ҷониби унвонҷӯ низоми махсуси корҳои санҷишӣ таҳия гардидааст. Ин низом усулҳоеро ба мисли саволу ҷавобҳои тестӣ, мубоҳисаҳои гурӯҳию психологӣ, ҷустуҷӯи ҳаммаъноҳо, мутазодҳо ва ҳамгунаҳо, корҳои луғавию имлоӣ, таҳлили занҷирии мантиқӣ ва услубӣ, бозиҳои нақшвор, корҳои таҳқиқотӣ, машқҳои эҷодӣ ва корҳои хаттиро фаро мегирад.

Дар фасли сеюми боби мазкур бошад, зери унвони **"Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои озмоиш ва арзёбии самаранокии методикаи пешниҳодшуда"** таҳлили муқоисавии натиҷаҳои бадастомада сурат гирифта, самаранокии методикаи пешниҳодкардаи муҳаққиқ бо далелҳо асоснок карда шудааст.

Фаслу бобҳои фишурдаи рисола аз лиҳози мазмуну муҳтаво ҳамдигарро такмил дода, қисмати хулоса бардоштҳои илмию методии муаллифро аз омӯзиши мавзуъ фаро мегирад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки он бо сабки хуби илмӣ иншо шуда, муаллиф ба вазифаҳои дар назди худ гузошта комёб гардидааст. Хулосаҳои

Сканировано с CamScanner

назариявӣ ва пешниходхои Раҳмонзода Н.Р. дар матни рисола ва автореферати он инъикоси пурраи худро ёфтаанд.

Муаллиф дар раванди фаъолияти таҳкикотии худ беш аз 20 макола, аз ҷумла дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмӯаи маводи конференсияҳои илмиву амалӣ ба табъ расонидааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари бартариҳои зикршуда, дар баъзе саҳифаҳои рисола ҳолатҳои умумигӯӣ (саҳ. 60-63), душвавӣ аз масъалаи меҳварӣ (саҳ. 102) ва баъзе ғалатҳои ҷузъии имлоиву услубӣ ба чашм мерасанд, ки албатта, онҳо арзиши илмии корро коҳиш надода, ислоҳашон дар оянда муфид арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионии Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи "Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо" як таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфтаи илмӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои мубрами педагогӣ равона гардидааст.

Автореферат ва диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ арзишманд буда, кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта маҳсуб меёбад ва ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ аст. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мебошад.

**Мукарриз:** **Бобосодиқ Латифов,**
**номзади илми педагогӣ,**
**дотсенти кафедраи Таълими синфҳои ибтидоӣ.**

KADRLAR ... LIMI

Сурога:150100, Ш,.Фаргона.Кучаи мураббихо 19

E-mail:fardu_info@umail.uz

Сомонаи муассиса:www.fdu.uz

Телефон:+998930706464

Факс:(99873)2444402

IMZOSINI TASDIQLAYMAN
FarDU
KADRLAR BO'LIMI ... G'I
"3" 09 2026 y.

Имзои Б.Б.Латифовро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо Абдусатторов Фарходчон Абдумаликович.

03.09.2026 сана

Сканировано с CamScanner